№41 (2854)
25-уми майи
соли 2019,
ШАНБЕ

Ватан саҷдагоҳи муқаддас аст!

# Овози Самарқанд

QR-CODE
@ovozisamarqand
OvoziSamarqand
@OvoziSamarqand

Оғози нашр: 1-уми январи соли 1990
ISSN 2010-6688
E-mail: ovozisamarqand@umail.uz
http://www.ovozisamarqand.uz



# Тадбири байналмилалӣ дар Регистон

*Матн ва сурати* **Ҷ.АСРОР**

Дар маҷмӯаи Регистони шаҳри Самарқанд дар мавзӯи «Технологияҳои ахборӣ дар ҳифзи мероси маданӣ» (IT-CHM* 2019) конференсияи илмии байналхалқӣ ба амал омад. Конференсия дар ҳамкории Донишкадаи информатикаи Донишгоҳи технологии Люблини Полша, Донишгоҳи давлатии Самарқанд, маҷмӯаи Регистон ва Донишкадаи тадқиқотии байналмилалии Осиёи Марказии ЮНЕСКО ташкил гардид.

Дар тадбири байналмилалӣ имкониятҳои истифодаи технологияҳои ахборӣ дар идоранамоии экспонат ва мероси мадании музей фаҳмонида шуд.

Дар конференсия сафири Полша дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Пётр Ивашкевич, ректори ДДС Рустам Холмуродов ва дигарон сухан ронданд. Дар тадбир қариб 20 маърӯза шунида шуд. Дар маърӯзаҳо муаммоҳои мероси маданӣ, (аз ҷумла технологияи 3D), тарғиб дар воситаҳои ахбори оммавӣ, дарк намудани он, ҳолати мониторинг ва баҳодиҳӣ пешкаш гардид. Як қисми баромадҳо ба фаҳмонида додани баҳодиҳии коллексияҳои музейҳо бахшида шуд. Инчунин, портали 3D Digital Silk Road (silkroad3d/com). пешкаш гашт.

Дар тадбир ба фаъолони музейҳои Самарқанд ифтихорнома ва тӯҳфаҳои ташкилотчиён супурда шуданд.